# ПРОТОКОЛИ № 10

чаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA - 091 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ

аз “_03__” июни соли 2026 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 11 нафар аъзои шуро10 нафар

**Раиси шуро:** доктори илмҳои техникӣ, профессор, Ҳақдод М.М.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 - нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 28.02.с.2025 №78/шд ва бо тағйиру иловаҳо ба ҳайати шуро (аз 01.09.с.2025 №307/шд ва аз 01.04.с.2026 №120/шд) тасдиқ гардидааст, 10 – нафар иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ пешниҳодҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори Шуро оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори Шуро оғоз карда шавад, хоҳиш карда мешавад, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Раҷабзода Гуландом Раҷаб дар мавзӯи “Таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфераи шаҳри Душанбе” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.9. Бехатарии фаъолияти инсон ва ҳифзи муҳити зист (2.9.6. Экология).

Раиси шурои диссертатсионӣ д.и.т., профессор Ҳақдод М.М. оид ба фаъолияти кори Шуро баромад намуда, қайд намуд, ки азбаски котиби илмии Шуро н.и.т. Бобоев Ҳ.Б. роҳбари илмии унвонҷӯ Раҷабзода Гуландом Раҷаб мебошад, ки мо имрӯз рисолаи ӯро баррасӣ хоҳем кард, мувофиқи банди 45-и Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ, иҷрокунандаи вазифаи котиби илмӣ бо овоздиҳии ошкоро ба уҳдаи яке аз аъзои Шуро вогузор карда мешавад.

Аз ин лиҳоз, пешниҳод менамоям, ки н.и.т., дотсент Иброҳимов С.Ҷ. ба ҳайси котиби илмии Шуро интихоб карда шавад.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ: муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

**Баромад намуданд:** раиси шурои диссертатсионӣ д.и.т., профессор, Ҳақдод М.М., и.в. котиби илмии шуро н.и.т., дотсент Иброҳимов С.Ҷ. ва аъзоёни шурои диссертатсионӣ: д.и.физ-мат. профессор Абдуллозода С.Ф., д.и.т, дотсент Саидализода А.С., д.и.т., Қодиров А.С., н.и.т. Азимов Д.С. ва доктор PhD, дотсент Ҷурахонзода Р.Ҷ.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

Мутобиқи банди 56-и Низомномаи намунавӣ оид ба шуроҳои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (дар таҳрири қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, диссертатсияи Раҷабзода Гуландом Раҷаб дар мавзӯи “Таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфераи шаҳри Душанбе” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисосӣ 2.9. Бехатарии фаъолияти инсон ва ҳифзи муҳити зист (2.9.6. Экология) ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

- доктори илмҳои физикаю - математика, профессор, аъзои шуро - Абдуллозода С.Ф., раиси комиссия;
- доктори илмҳои техникӣ, дотсент, муовини раиси шуро – Саидализода А.С., аъзои комиссия;
- доктор PhD, дотсент, аъзои шуро - Ҷурахонзода Р.Ҷ., аъзои комиссия.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор - 10 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест. Якдилона ҷонибдорӣ гардид.

Раиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-091,
д.и.т., профессор — Ҳақдод М.М.

Иҷрокунандаи вазифаи котиби
илмии шурои диссертатсионӣ
н.и.т., дотсент — Иброҳимов С.Ҷ.

*Имзои д.и.т., профессор Ҳақдод М.М. ва н.и.т., дотсент Иброҳимов С.Ҷ.- ро тасдиқ мекунам:*

*Сардори РК ва КМ ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ — Қодирзода Н. Ҳ.*

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

ПРОТОКОЛИ № 12
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA- 091 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ

аз “23” июни соли 2026 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 11 нафар аъзои шуро10 нафар

**Раиси шуро:** доктори илмҳои техникӣ, профессор, Ҳақдод М.М.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 - нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.02.с.2025 №78/шд ва бо тағйиру иловаҳо ба ҳайати шуро (аз 01.09.с.2025 №307/шд ва аз 01.04.с.2026 №120/шд) тасдиқ гардидааст, 10 – нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 4 нафарашон докторони илм аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори Шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Раҷабзода Гуландом Раҷаб дар мавзӯи “Таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфераи шаҳри Душанбе” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.9. Бехатарии фаъолияти инсон ва ҳифзи муҳити зист (2.9.6. Экология).

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои физика – математика, профессор Абдуллозода С.Ф. ва аъзои комиссия, доктори илмҳои техникӣ, дотсент Саидализода А.С. ва доктор PhD, дотсент Ҷурахонзода Р.Ҷ. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳоднамудаи унвонҷӯ Раҷабзода Гуландом Раҷаб дар мавзӯи “Таъсири ҷараёни нақлиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфераи шаҳри Душанбе” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.9. Бехатарии фаъолияти инсон ва ҳифзи муҳити зист (2.9.6. Экология) ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки кори диссертатсионӣ ба мушкилоти арзёбии ифлосшавии ҳаво аз партовҳои газии (CO, $NO_2$ ва $SO_2$) воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ва роҳҳои ҳалли имконпазир бахшида шуда, натиҷаҳои илмии диссертатсия пурра бо мақсад ва вазифаҳои

гузошташуда мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии диссертатсия ва эътимоднокии он бо ҳаҷми зиёди корҳои таҳқиқоти тавассути истифодабарии дастуру меъёрҳои соҳавӣ, истифодабарии асбоби муосири сайёри лабораторӣ ва натиҷаи қиматҳои коэффитсиентҳои коррелятсия байни арзишҳои таҷрибавии консентратсияи моддаҳои ифлоскунанда ба даст овардашуда, асоснок гардидааст.

Аз ин лиҳоз, шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Раҷабзода Гуландом Раҷаб дар мавзӯи "Таъсири ҷараёни наклиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфераи шаҳри Душанбе" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.9. Бехатарии фаъолияти инсон ва ҳифзи муҳити зист (2.9.6. Экология) баррасӣ намуда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Раҷабзода Гуландом Раҷаб дар мавзӯи "Таъсири ҷараёни наклиёти автомобилӣ ба ҳолати ҳавои атмосфераи шаҳри Душанбе" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.9. Бехатарии фаъолияти инсон ва ҳифзи муҳити зист (2.9.6. Экология), дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-091 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- **Тиллозода Ҳаким Иброгим** – доктори илмҳои техникӣ, дотсент, мудири сектори илмӣ-таҳқиқотии Филиали Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар вилояти Суғд;
- **Даниярова Фарзона Илҳомҷоновна** – номзади илмҳои техникӣ, дотсент, мудири кафедраи сайёҳӣ ва хизматрасонии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар - **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** таъин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (бо теъдоди 100 нусха) ва ирсол намудани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 15-уми сентябри соли 2026 соати $14^{00}$ муқаррар карда шавад.

**Натаҷаи овоздиҳӣ**: тарафдор - 10 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-091,
д.и.т., профессор Ҳақдод М.М.

Иҷрокунандаи вазифаи котиби
илмии шӯрои диссертатсионӣ
н.и.т., дотсент Иброҳимов С.Ҷ.

*Имзои д.и.т., профессор Ҳақдод М.М. ва н.и.т., дотсент Иброҳимов С.Ҷ. - ро тасдиқ мекунам:*

*Сардори РК ва КМ ДТТ ба номи акад. М.С. Осимӣ _____ Қодирзода Н. Ҳ.*